## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. – 79 саҳ.).**

Диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ба талаботи Дастурамали КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» аз 27 декабри соли 2024, № 493 мутобиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи диссертатсионӣ «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ»** дар он ифода меёбад, ки маҷмӯи талабот ва қоидаҳои ҳуқуқие дар бар мегирад, ки тартиби ягонаи баррасии парвандаҳоро дар суди марҳилаи якум танзим намуда, риояи онҳо кафолати асосии баровардани ҳукми қонунӣ ва одилона мебошад. Танзими меъёрӣ ва ҳуқуқии ин ниҳод дар **Боби 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон** инъикос ёфтааст.

Ҳамзамон, сиёсати ҳуқуқӣ дар мамлакат дар ҷодаи мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳадафи роҳандозӣ намудани принсипҳои конститутсионии таъмини ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳимоя аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодӣ, таъқиби беасос дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ асоснок мекунад, ки дастовардҳои муосир дар соҳаи адолати судӣ аз ғояҳои иҷтимоӣ ва

таърихии фарҳанги миллӣ оид ба адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон сарчашма гирифта, дар замони муосир то сатҳи расмӣ эътироф ва бо арзишҳои миллӣ, ба монанди бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиа дар ҳузури тарафҳо, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, дастаҷамъона бо иштироки аҳли ҷомеа, одилона ҳал шудани ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ ва ғайраҳо мазмун ва моҳияти нав ғанӣ гашта, ба зинаи навбатии ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиаи судии муосир ҳамчун пайвандгари собиқа ва афкори гузаштагон ва наслҳои ҳозира замина гузоштанд.

Бояд қайд намоем, ки диссертант дар доираи рисолаи мазкур на танҳо моҳияти иҷтимоӣ, инчунин мафҳумҳо ва ғояҳои назариявии мавҷударо ғанӣ гардонидааст, балки асос, шарт ва тартиби баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва дар умум илми мурофиаи ҷиноятӣ заминаи устувор мегузоранд.  Аз ҷониби диссертант шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Навгонии таҳқиқот, инчунин бо он муайян мешавад, ки диссертант назари муаллифонаи худро оид ба муаммоҳое, ки бо риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ алоқамандӣ доранд, таснифот ва шаклбандӣ намуда ва бо ҳамин мақсад ҷабҳаҳои ҷамъи истилоҳоти мавзуи таҳқиқотро дақиқ мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили муқоисавии адабиёти ҳуқуқӣ муаллиф истилоҳоти «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ » ва ё «пешбурди пушида ва ошкоро», «ҳадди муҳокимаи судӣ», «ҳифзи судӣ», «талаботи қонунӣ, асоснокӣ ва одилона нисбати ҳукм»-ро пешбарӣ карда, истифодаи мафҳумҳои якгонаи ҳуқуқии мурофиавиро пешниҳод мекунад.

Натиҷаҳои асосноки таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани мавзуъ ва самтҳои таҳқиқотҳои нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, барои коркарди дурнамои рушд ва такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини воқеии кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, барои ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни истилоҳоти мурофиавӣ дар татбиқи ҳадафноки меъёрҳои ҷорӣ, барои ба сатҳи сифатан нав гузаштани амалияи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ барои баланд бардоштани самаранокии ба амалбарории адолати судӣ, аз ҷумла оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим ва ногузиранд. Сарфи назар аз сифат ва мазмуни баланди натиҷаҳои бадастомада, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, баъзе ҷанбаҳоро ишора намудан мумкин аст, ки таҳлили амиқ ва фарогирро талаб менамоянд:

**1.** Дар боби аввали рисола муаллиф ба хулоса омадааст, ки мурофиаи ғоибонаи судӣ ҳамчун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳам дар шаклӣ расмӣ ва ҳам мурофиавӣ дар амалия ва қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, ки мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аст. Андешаҳои асоснок ва мавқеи муаллифро мехостем оид ба ҳалли ин масъала зимни баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ дониста бошем.

**2.** Дар рисола қайд шудааст, ки аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар моддаи 273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пушидаи судиро ба миён меоранд, дархости айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва хешовандони наздики онҳо низ пешбинӣ карда шавад. Барои равшанӣ андохтан ба асос ва ҳолатҳои номбаршуда андешаҳои асосноки муаллиф мебоист дар муқоиса бо амалияи судӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор дода шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои инъикос гардида ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида ва ягон андоза арзиши илмии онро коста намегардонад.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Профессори кафедраи назарияи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино
Тел.: (+992) 918611853 E-mail: rrm_67@mail.ru

Имзои Раҷабзода Р.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33
телефон: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj http://www.avkd.tj

«05» 05 2026 с.